# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Шарипов Хуршед Алихонович** дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Шарипов Хуршед Алихонович ба проблемаи муосири илми тълиму тадриси забони англисӣ дар партави истифода аз технологияи мултимедӣ дар самти ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ») бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки ин ибтикорот ва ташаббуси муаллифи диссертатсия дар марҳилае ба таҳқиқ расид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Президенти кишвар, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомали Раҳмон ба омӯзиши забони англисӣ дар муаассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон пайваста таваҷҷӯҳ ва мароқи комил зоҳир мекунанд. Дар ин бобат барномаи давлатии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2004-2014, 2015-2020 ва 2021-2030 шаҳодат медиҳад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамои такмил ва тадриси забони англисӣ дар макотиби олӣ руҷӯъ намуда, асосҳои илмӣ ва бунёдии проблемаи вобаста ба татбиқи технологияи мултимедиро дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ роҳандозӣ кардааст.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки аснои омӯзиши забони англисӣ бартарии татбиқи технологияи мултимедиро аз роҳу усули анъанавӣ андаке дур барад, зеро мувофиқи ғояҳои тозаистиқболи салоҳиятмандӣ

вазифаи асосӣ ба донишҷӯ на интиқол додани миқдори муайяни дониш, балки таъмини фаъоли забономӯзӣ дар муҳити иттилоотию маърифатӣ бо дарназардошти татбиқи технологияи пешбари мултимедӣ, омода кардани донишҷӯ ба мушкилоти фарҳангӣ ва маърифатӣ, дарёфт, коркард ва пешниҳоди дониши фарогир, нерӯмандии эҷодии ҳар як муҳассили макотиби олӣ дар замони муосири робитаҳои байналмиллалии фарҳангӣ аст.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки иттилоотонии таълими забони хориҷӣ ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода шудани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, ки ба татбиқи имконияtҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ нуфузи муассир мегузорад, арзёбӣ мегардад.

Дар рисолаи Шарипов Хуршед Алихонович махсусан технологияи сайёру мултимедӣ аз падидаҳои навини таълими забони англисӣ зуҳур мекунад. Он ҳамчун дастгоҳи ғайрисимӣ бо барномаҳои мобилӣ ва дастрасии Интернет робитаи қавӣ дошта, ба донишҷӯён дар самти дастрасӣ ба маводи таълим ва фазои иттилоотию маълумотӣ роҳи васеъ мекушояд, ба ташкили алоқаи шабакавии байни иштирокчиёни раванди муоширát (донишҷӯён ва омӯзгор) бо мақсади ташаккули малакаи забондонӣ мусоидат мекунад.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар ҳалли мушкилоти омӯзиши забони англисӣ бо истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ пойгоҳи мувофиқ ва мутаносиби кории олимони ватанӣ ва хориҷи кишварро чуқур омӯзад ва дар партави таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро ба кор андозад. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти баргузида муваффақ ба татбиқи фарзияву дастовардҳои намзарраси илмии ба нақшагирифта шудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазоифи зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Хусусиятҳои лингвистии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои мултимедӣ таҳия ва корбаст шудааст.
2. Доираи малакаҳои нутқронӣ ва забондонӣ дар муоширати муҳассилини ихтисосҳои гуманитарӣ, ки бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ муқаррар ва роҳандозӣ шудааст.
3. Шароитҳои психологию педагогӣ дар омӯзиши забони англисӣ ба тоифаи донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ пешниҳод ва ҳал шудааст.
4. Таҳияи низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ ба анҷом расидааст.
5. Таҳияи алгоритми маҳорати гуфтор ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ (технологияи блогҳо ва пневматикҳо) ва як зумра вазифаҳое, ки ба рушди малакаи забономӯзии донишҷӯён дар заминаи технологияи сайёру мултимедӣ мусоидат мекунад, роҳандозӣ шудааст.
6. Самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии он арзёбӣ шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-

озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия тазоҳур менамояд.

**Навгонии илмии тадқиқот**:

1. Бори аввал дар илми педагогика ва соҳаи маорифи Тоҷикистон методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар самти ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор гирифт.

2. Дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқ ва забондонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитар ҳини омъзиши забони англисӣ ташаккул дода шуд.

3. Нисбати истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён муайян ва рушд гардид.

4. Дар татбиқи таълими самараноки забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ омодагии омӯзгорон андешида ва муайян карда шуд.

5. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор гирифт.

6. Дар таълими забони англисӣ равияи шахсӣ-фаъолмандӣ роҳандозӣ карда шуд.

7. Дар рисола ду намуди алгоритм бо се марҳила (тайёрию омодагӣ, мурофиавӣ (протсессуалӣ ва арзёбӣ) ва қадам ба қадам оид ба рушди малакаҳои нутқ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ (блог-технологияҳо ва зеркастҳои сайёр) ҳалли комили худро пайдо намуд.

8. Силсилаи супоришу машқҳо дар ташаккули малакаҳои нутқронии донишҷӯён бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ (луғату

фарҳангҳои сайёр ва маҷмӯи донишҳои лингвистӣ) пешниҳод ва тариқи озмоиш санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**

Дар рисола дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқ ва забондонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ аз забони англисӣ ташаккул дода шуд: мураттибии равиши ҳадафҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои пажӯҳиши озмоишӣ ва меъёрҳо дар самти баҳодиҳии маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда бомақсад гузаронда шуд. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ баррасӣ ёфта, таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ коркард гардид, то ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули қобилият ва малакаҳои номбурда дар омӯзгорониояндаи ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди амал қарор гирад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** методикаи аз лиҳози бунёдӣ-назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди таълими забони англисӣ нигаронида шудааст, ташкил медиҳад. Барномаи пешниҳодёфтаи муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ дар самти таълими фанҳои таъриху ҳуқуқи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба амалӣ сохтани донишҳои махсуси лингвистӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯёни факултетҳои ихтисосҳои гуманитарӣ, салоҳиятмандии касбии онҳо мусоидат мекунад; натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин дар маҷмӯи таълимӣ-методии таҳияшудаи муаллиф ба барнома, силлабусҳо ва мундариҷаи машғулиятҳои курси «Забони англисӣ» дар факултаҳои

ихтисосҳои гуманитарӣ татбиқи амалии худро пайдо кардааст. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро муаллимони муассисаҳои тахсилоти миёна ва олӣ зимни таълими забонҳои хориҷӣ метавонанд васеъ истифода баранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ буда, имкон фароҳам овардааст, то дар заминаи муносибати босалоҳият ба раванди таълим, равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ, таҳсилоти фосилавӣ, назария ва амалияи ворид намоии ТИК-и муосир, технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ, проблемаи методҳои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»), инчунин кори таҳқиқотӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш пешниҳод ва омӯхта шавад.

Муаллиф ба ҷузъ дарёфти роҳу усули тозаи таҳқиқот дар партави коркарди асосҳои илмӣ ва назариявӣ, ҷамъбасти таҷрибаю донишҳои ҳосилшудаи хеш боз ба он муваффақ шудааст, ки силлабус ва нақшаи нави таълимро доир ба фанни “Забони англисӣ барои факултетҳои таърих ва ҳуқуқ” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намояд. Муаллиф дар интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва таҳияву нашри асарҳо ва мақолоти илмӣ, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва гузоришҳо хидмати софдилонаву барҷо ба субут расонидааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шуда, дар 12 асару мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 6 адади он дар нашрияҳои

тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилот ва илми ФР ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 172 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 22 ҷадвал, 1 диаграмма ва 3 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 204 номгӯйро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ» масъалаҳои вобаста ба паҳлуҳои назариявии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедиро зимни таълими забонҳои хориҷӣ фаро мегирад. Боби мазкур аз се фасли комил иборат буда, муаллиф масъалаҳои мухталифро дар робита бо технологияи мултимедӣ ҳини омӯзиши забонианглисӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ») мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор додааст.

Гузориш ва таҳқиқи проблемаи илмии гузошташуда имкон дод, ки муаллиф баррасии таъйиноти истилоҳи «таълими мултимедӣ» ва «таълими сайёр»-ро бо мақсади коркарди консепсияи хеш дар таъйиноти ин падидадаи мафҳум, ки махсусияти омӯзиши забони англисиро дар асоси технологияҳои мултимедӣ инъкиос мекунад, пешниҳод намояд. Дар диссертатсия собит шудааст, ки баррасии амсилаҳои (моделҳои) татбиқи таҳсилоти сайёр бо мақсади муайян кардани варианти мувофиқу муносиби таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ роҳи васеи омӯзишӣ пайдо мекунад. Зиёда аз он, аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудани хусусиятҳои дидактикӣ ва методии технологияи сайёру мултимедӣ ва рақамӣ имкон бахшид, ки бозёфтҳои таҷҳизоти аудиовизуалӣ (матнҳо, суратҳо, овезаҳо, тасвирҳои видеоӣ, графикӣ ва ғайра) ба даст оварда шуда, истифода аз компютер махсус таъкид ва татбиқ гардад.

Дар боби аввал баррасии шарту шароити психологӣ-педагогии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ муфассал таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Ба андешаи муаллиф, технологияи сайёру мултимедӣ ба сифати васоити пурра омӯхташудаи таҳсили фосилавӣ пешниҳод мегардад, ки гузариш аз шакли анъанавии таълимро ба навъи нисбатан омехта пешбинӣ мекунад. Воқеан ва маъмулан, рушди пешрафти техникӣ пешгӯии истифодаи минбаъдаи технологияи сайёру мултимедиро барои ҳадафҳои забономӯзӣ пешбинӣ мекунад.

Боби дувуми диссертатсия – «Шароитҳои эксперименталии таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ» иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаю паҳлуҳои амалию таҷрибавии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ғайрифилологӣ дар заминаи консепсияи пешнишодшуда маҳсуб меёбад. Ин боб низ аз се фасл иборат буда, дар он зарурати таҷдиди назари барномаҳои таълимӣ ва вориднамоии васоити инноватсионӣ ва технологияи муосири таълим бо мақсади мутобиқат ба меъёрҳову стандартҳои давлатӣ ба миён гузошта шудааст, ки ба афзоиши сифати тайёрии мутахассисони босалоҳият мусоидат мекунад.

Боиси зикр аст, ки дар ин боб аз ҷониби муаллифи рисола бори нахуст дар адабийти илмии ватанӣ муайян кардани ҳадафҳои коркарди консепсияи “низоми методии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забони англисӣ” пешниҳод шудааст. Унвонҷӯй мафҳуми «низоми методӣ»-ро дар робита бо махсусиятщои тафриқавии таълим арзёбӣ намуда, ҷузъҳои пайваста ва алоқаманди онро нишон медиҳад. Дар бораи низоми методӣ ҳамчун маҷмӯи самарабахши омӯзиши забони хориҷӣ назар афканда, муаллиф тазаккур медиҳад, ки он дар воқеъ дорои унсурҳои тафриқавӣ буда, асоси сохторӣ ва мазмуну мундариҷаи низоми таълимро муваффақтар мегардонад.

Таҳлили рисола ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки низоми методӣ ба ташаккули донишҳои устувори ба ҳам алоқаманд, рушди давра ба давраи салоҳиятмандии муҳассилин, ҳамгироии байнифанҳо ва донишу таҷрибаҳои ҳосилшуда, афзалнокии таълими проблемавӣ ва ҷанбаи таҳқиқӣ доштани он, тафриқавӣ ва инфиродӣ гардонидани ҳадафҳои таълим, ки ба рушди ақлонию зеҳнии омӯзандагон созгор аст, мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм ба ду масъалаи муҳиму нававар диққату таваҷҷӯҳи хоси муаллиф ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, «Алгоритм ва силсилаи вазифаю супоришҳо оид ба омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ» ва «Тавсифи умумии баргузорӣ аз таълими эксперименталӣ дар омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ ва натиҷагирӣ аз он».

Ҳадафи ин ду масъалаи боби мазкур коркарди алгоритмҳо ва маҷмӯи супоришот доир ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ мебошад. Муаллиф дар он ду самти ҷустуҷӯи роҳҳои такмили мундариҷаи таълимро коркард ва пешниҳод менамояд: мураттабсозии мундариҷаи таълими забони англисӣ бо дарназардошти дурнамо ва таҷдиди назар қарор ёфтан ва такмили мундариҷаи таълим дар маҷмӯъ ва қисматҳои ҷудогонаи он дар партави китобҳои дарсӣ. Воқеан унвонҷӯй дуруст эҳсос мекунад, ки донишҷӯён асосан бо сабаби нокомилии мундариҷа ва методикаи таълим дараҷаи зарурии дониш, қобилият ва малакаҳоро ҳини омӯзиши забони англисӣ ба даст оварда наметавонанд.

Чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, баҳри муваффақ шудан ба ҳадафи гузошташуда дар таълими эксперименталӣ вазифаҳои рушди маҳорати хониш ва нутқи хаттии донишҷӯён дар асоси блог-технлогия; рушди маҳорати истимоъ ва гуфтори донишҷӯён дар асоси зеркастҳои сайёр; ташаккули малакаҳои лексикӣ-грамматикии донишҷӯён дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ ва маҷмӯи донишҳои забонии донишҷӯён

дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ ва маҷмӯи донишҳои лингвистӣ ҳаллу фасл ва мавриди натиҷабардорӣ шуданд.

Дар марҳилаи назоратии эксперимент донишҷӯёни гурӯҳҳои экспериментали ва санҷишӣ пурсиш (тест)-ро дар сатҳи хуби азхудкунии забони англисӣ иҷро кардаанд, ки дар бобат муаллиф маълумоти муфассалро инчунин тариқи расму ҷадвалҳо ва диаграммаҳо пешниҳод менамояд.

Ба андешаи муаллиф, дар рисола собит гардид, ки фарзияи таҳқиқот вобаста ба эҳтимолияти таълим ва омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултмедӣ муваффақона иҷро гардида, дар асоси низоми методии коркард ва воридшуда татбиқи пурраи худро пайдо намуд.

Дар қисмати анҷомбахши диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳо ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод шудааст. Бино бар итминони унвонҷӯй таҳқиқотҳои минбаъда оид ба методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ коркард ва фароҳам овардани шароитҳои психологию педагогӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсиониро ба миён мегузорад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ муосир мебошад.

Рисола ба талаботи “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2015-2020 ҷавобгӯ буда, доир ба яке аз бандҳои асоси он, ки ба тахқиқи илмӣ ва коркарди ҷанбаҳои бунёдӣ ва назаривию амалии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои тахсилоти ҷумхурӣ нигаронида шудааст, таалуқ дорад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили барномаи таълими забони англисӣ ва китобҳои дарсӣ аз нигоҳи вазъи татбиқи технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)» мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё ноқисиҳои барномаву китобҳои дарсӣ дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷишоти озмоишӣ ва таҷрибавӣ мебоист муфассалтар ва пурра арзёбӣ мешуд, ҳарчанд, ки ақидаҳои муаллиф дар ин бобат қобили қабул ва фаҳмову дастрасанд.

3. Дар матни ҳам рисола ва ҳам фишурдаи диссертатсия аксаран такрори мафҳумҳои "технологияи мултимедӣ, алгоритм, технологияи сайёру мултимедӣ" ва амсоли он ба назар мерасад, ки муҳтавои таҳқиқотро андаке коста мегардонад.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихоновичро дар ҳудуд ва миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи гузошташударо дар робита бо истифодаи технологияи мултимедӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ хеле муваффаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, китобу дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – "Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ: англисӣ, олмонӣ)" пурра мувофиқат мекунад:

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри солим 2016, тахти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,**
**профессори кафедраи забоншиносии**
**умумӣ ва типологияи муқоисавии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Негматов С. Э.**
10 ноябри соли 2020

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 918506318. E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматов - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавкиев Э.Ш.
10 ноябри соли 2020